**ҚАРОРИ**
**Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 21 июни соли 2024 №42** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт), тақризҳои мушовирони илмӣ – д.и.ф-м., профессор Комилиён Файзалӣ Саъдулло ва д.и.и., дотсент Шаропов Фарҳод Разоқович, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодиров Абдураҳмон Лакимович, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Мирсаидов Аврор Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии АИДНПЧТ, муовини сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзоёни шуро мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – докторони илм, профессорон: Шерматов Нурмаҳмад, Раҷабов Раҷаб Кучакович, Ҷӯрабоев Ғафурҷон, Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович, докторони илм, дотсентон Кошонова Манзура Раҳматҷоновна, Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович ва аъзои шуро д.и.и., профессор Умаров Хоҷамаҳмад, Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи

татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт), ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори илмҳои иқтисодӣ тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид шудааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Раҳмонзода Зоир Файзалиро бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**21 июни соли 2024**